УДК 332.142 DOI: 10.65599/III9966

# МУТОБИҚШАВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ МАВОДИ СОХТМОН БА МУҲИТИ РАҚОБАТНОКИИ БОЗОРИ ИҚТИСОДӢ

**Ҳ.Ф. Муминова**

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Дар замони муосир раванди сохтмон ва технологияҳои дар ин соҳа истифодашаванда ба марҳилаи хуби сифатнокӣ расидааст. Дар сохтмон ҳоло маводде истифода мегардад, ки он ба талаботи аҳолӣ ҷавобгӯ аст, арзиши он ҳам мувофиқи имкониятҳои истифодабарандагон аст ва барои маҳсулоти сифатан паст талабот ба таври назаррас коҳиш меёбад. Дар мақолаи мазкур мутобиқшавии корхонаҳои саноати маводди сохтмон ба муҳити рақобатнокии бозори иқтисодӣ баррасӣ мегардад.

***Калидвожаҳо:*** *мутобиқшавӣ, сохтмон, корхона, рақобатпазирӣ.*

# АДАПТАЦИЯ ПРЕДПРИЯТИЙ СТРОИТЕЛЬНОЙ ОТРАСЛИ К КОНКУРЕНТНОЙ СРЕДЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РЫНКА

**Х.Ф. Муминова**

В наше время строительный процесс и технологии, применяемые в этой области, достигли стадии хорошего качества. В строительстве в настоящее время используется материал, который отвечает потребностям населения, его стоимость также соответствует возможностям пользователей, а спрос на продукцию низкого качества значительно снижается. В данной статье рассматривается адаптация предприятий промышленности строительных материалов к конкурентной среде экономического рынка.

***Ключевые слова:*** *адаптивность, строительство, предприятие, конкурентоспособность.*

# ADAPTATION OF CONSTRUCTION INDUSTRY ENTERPRISES TO THE COMPETITIVE ENVIRONMENT OF THE ECONOMIC MARKET

**H.F. Muminova**

Nowadays, the construction process and the technologies used in this field have reached the stage of good quality. Currently, construction uses a material that meets the needs of the population, its cost also meets the capabilities of users, and the demand for low-quality products is significantly reduced. This article examines the adaptation of the construction materials industry to the competitive environment of the economic market.

***Keywords:*** *adaptability, construction, enterprise, competitiveness.*

## Муқаддима

Дар шароити кунунии рушди илму техника бозор ҳамчун сохтори мураккаб боқӣ мемонад ва зерсохторҳои он бо номгӯйи тиҷорию истеҳсолӣ, иттилоотӣ, молиявӣ ва ғайраҳо бозорро ташкил медиҳанд. Ин гуна пайвастагии зерсохторҳо, ки таркибдиҳандаи бозор аст, системаи меъёрҳои ҳуқуқии савдо ва тиҷоратиро ташкил медиҳанд ва онро ниҳоятан бозор номидан мумкин аст.

Бозор бо мафҳуми томаш маконеро таҷассум менамояд, ки дар он муносибатҳои бозорӣ дар авҷ аст ва ин муносибатҳо доимо дар рақобатнокии байниҳамдигарӣ қарор доранд.

Рақобатпазирии корхонаи саноати маводи сохтмон аз рӯйи сифати маснуоти истеҳсолкардааш баҳо дода мешавад. Бо маводди баландсифат мавқеъ гирифтани корхона дар бозор меҳнат ва кӯшишҳои зиёд металабад, ки вобаста ба сифати маснуот инчунин арзиши он, гуногуннамудӣ, хусусиятҳои пешниҳод ва дигар хосиятҳо ба шумор меравад ва ҳамаи он нишондиҳандаи ба ҳама дастрас будан, дурудароз истифода гардидан ва пас аз истифода солҳои зиёд хизмат намудани масолеҳи сохтмонии ба кор бурдашударо ифода менамояд.

Калимаи “Рақобатнокӣ” аз тарҷимаи лотинӣ гирифта шудааст ва бархӯрд бо ягон намуд амалро ифода менамояд. Ин истилоҳ ҳамчун мафҳуми рақобати иқтисодӣ ва ё дар умум ягон кӯшиш ва ҳаракат барои мубориза аст, ки дар ин замина ва бо ҳамин восита истеъмолкунанда ҷалб карда мешавад. Муборизаи озод ва қонунии субъектҳои хоҷагидори бозор байни ҳам моҳияти пурраи рақобатнокиро ифода намуда, мол ё хизматрасонӣ ҳамчун предмети рақобатнокӣ, истеъмлкунанда ё харидорон ҳамчун объекти он дониста мешаванд.

Агар ба тавсифоти таъминнокии бартариҳои рақобатнокии корхона аҳамият диҳем, ҳамон мафҳуме ба даст меояд, ки пешниҳод ва талабот бояд чунон ба ҳам мувофиқ ояд, то талаботи бозор қонеъ гардад ва дар сатҳи рақобатпазирӣ қарор гирад.

Мувофиқи ин, бартариҳои номбурда метавонанд, ки дар қисмҳои зерин ҷудо карда шаванд (расми 1) [3].




*Расми 1 – Бартариҳои рақобатнокии корхонаи сохтмонӣ.*

Дар замони муосир корхонаҳо бо як қатор хусусиятҳое рақобатпазирии худро нигоҳ дошта метавонанд, ки он бевосита аз талаботу нуфузи тамға, нарху сифати мол, технологияи истеҳсолӣ ва монанди инҳо вобаста аст. Мавриде ба миён меояд, ки ба даст овардани фоида коҳиш меёбад. Дар ин гуна ҳолатҳо бо назардошти баҳодиҳии рақобатпазирии корхона стратегияҳое бояд таҳия карда шаванд, ки барои баланд бардоштани самаранокии он мусоидат карда тавонанд [4].

Муносибатҳои рақобатнокӣ дар бозор ҳамеша зарурати мутобиқшавиро ба шароитҳои рақобатнокӣ металабад. Истилоҳи "мутобиқшавӣ" ҷанбаҳои гуногунро ифода менамояд. Мутобиқшавӣ хусусияти системае аст, ки ба тағйироти имконпазири фаъолият мувофиқ карда шудааст. Аз нуқтаи назари дигар, он раванди мувофиқшавӣ ба системаи мутобиқшавӣ аст. Инчунин, мутобиқшавӣ усули ба коркарди иттилооти воридшаванда барои ба даст овардани баъзе аз критерияҳои муносибгардонӣ асоснокшуда ба шумор меравад [1].

Се ҳолати ифодакунанда вуҷуд дорад. Аввалан, хусусияти мутобиқшавии системаҳои иқтисодӣ баррасӣ шуда, баъдан "мутобиқшавӣ" мисли мафҳуме кушода мешавад, ки он ба мувофиқшавӣ майл дорад. Ниҳоят, тарзи мутобиқгардонӣ ва алгоритмҳои истифодашавандаи ин раванд дарҷ мегардад. Пас, натиҷа он ҳисобида мешавад, ки моделҳои таҳиягардида ба ҳам мутобиқанд. Ин моделҳо бо қобилияти мутобиқшавии худ дар оянда бо мушоҳидаҳои нав парратар гардидан мегиранд. Пас, чунин моделҳоро мутобиқшаванда меноманд.

Бо истифода аз равиши объектии Портер М.Е. механизмҳои муосири мутобиқшавиро ҷудо кардан мумкин аст (расми 2) [2].

Боиси қайд аст, ки агар мутобиқшавӣ зуҳур накунад, системаи идоракунӣ дар корхона устувор ва комил нест. Мутобиқшавии тарзи идоракунӣ ҳамчун хусусияти хоси система дониста мешавад ва танҳо ҳамонеро инъикос менамояд, ки ин система ҳама гуна тағйироти муҳит ва таҳияи дастаи идоракуниро бо омилҳои камтарини ба система таъсиркунанда зуд ва чандирона ҳис менамояд.

Дар мавридҳои зарурӣ таҳияи стратегияҳое зару мегардад, ки рақобатпазирии корхонаҳои сохтмониро таъмин менамояд. Зеро айни ҳол корхонаҳои сохтмонӣ дар шароити мураккабе қарор доранд ва фаъолият карда истодаанд, ки маҳсулоти сохтмонии воридотӣ бо арзиши тағйирёбандаи худ нақшаҳои молиявии корхонаро ба самти нисбатан номуайянӣ мекашад. Пас, ҳадафи стратегияҳои таҳияшаванда бояд таъмини рушди устувори бартарии рақобатпазирии корхонаи истеҳсоли маводи сохтмонӣ бошад [8].




*Расми 2 – Механизмҳои муосири мутобиқшавии корхонаҳои сохтмонӣ.*

Дар ин самт муқаррар намудани идоракунии рақобатпазирии корхонаи сохтмонӣ аз ҳолати рақобатии он вобаста аст. Ин тариқи механизми рақобатнокии истифодашаванда барои рушди дарозмуддати корхона ба даст омада метавонад.

Айни замон, мувофиқи бозори ҷаҳонӣ, таҳаввулоти рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ ва вобастагии амиқи сиёсии бозор рақобатнокӣ дар шароити шиддатнок қарор дорад.

Ҳар як корхона дар ин зимн бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки ҳар чӣ бештару беҳтар мавқеи худро дар бозор устувор гардонад, имкониятҳои мавҷударо ба таври максималӣ истифода карда, ҳар як стратегияе, ки таҳия менамояд, дар тамоми ҷодаҳои дилхоҳ татбиқ гардонад. Дастгирии афзалиятҳои мавҷудаи рақобатнокӣ водор ба он менамояд, ки ба таври ҳатмӣ равандҳои истеҳсолӣ, технологӣ, маркетингию иқтисодӣ ва молиявӣ, ташкилию дигарҳо ҳамчун омили таъсиррасони аввалиндараҷа ҳисобида шуда, он барои таъмини рақобатпазирии корхонаи истеҳсолӣ ҳадафи асосӣ гардад ва дар ин замина татбиқи он таъмин, дар натиҷаи он моли истеҳсолшуда ба бозор барои гардиш баровarда шавад [7]. Ин аст, ки бо ҳалли мушкилоти асосии ҷойдоштаи таъмини рақобатпазирӣ шаклу усулҳои идоракунии бизнес-равандҳо муайян карда мешаванд, ки он рақобатпазирии стратегиро таъмин месозад.

Бизнес-равандҳо бо маҷмуи хосиятҳои худ рақобатпазирии корхонаи сохтмонӣ буда, он фаъолияти корхонаро дар бозори молу сармоя ва меҳнат дар ҳар гуна шароити тағйирёбандаи аз берун ва дохил таъсиррасон бо самаранокии хос таъмин менамояд. Моҳияти ин гуна фарқ карданро дар тасвири зерин мушоҳида кардан мумкин аст (расми 3).

Дар ҳама ҳолатҳо маҳз барои корхонаҳои сохтмонӣ рақобатпазирӣ аз сифати баланди маҳсулоту маснуот ва объектҳои сохташаванда ба даст меояд. Дар ин сурат, даромаднокӣ афзуда, тамоми хароҷот пӯшонида мешавад ва фаъолияти корхона ба таври боэътимод ба роҳ монда мешавад.




*Расми 3 – Рақобатпазирии корхонаи сохтмонӣ*

## Хулоса

Таъмин намудани рақобатпазирии корхонаи сохтмонӣ ва консепсияи он бо назардошти он ки нишондиҳандаҳо, баҳодиҳӣ, дастгирии рақобатпазирӣ дар ҳудудҳои додашуда ҳамчун асос ба ҳисоб меравад, ба равиши арзишии идоракунии бизнес такя намояд. Омилҳои таъсиррасоне, ки ба қарорҳои идоракунӣ мушоҳида мегарданд, бузургии гардиши пулиро низ ба самтҳои гуногун тағйир медиҳанд. Аз ин ҷо, равандҳои хоҷагидорӣ таъсири ба худ хосро касб намуда, вобаста ба он дар рақобатнокӣ фаъолияти худро зоҳир менамоянд. Рақобатпазирӣ муҳити сифатии корхонаро инъикос менамояд ва дар натиҷаи устуворӣ дар рақобатпазирӣ даромаднокии чашмрас ба даст хоҳад омад.

*Муқарриз: Бобозода Қ.О. – д.и.и., директори Институти иқтисодёт ва демографияи АМИТ.*

## Адабиёт

1. Фатхутдинов Р.А. Управление конкурентоспособностью организации: учеб. - 2-е изд., испр. и доп. – М.: Эксмо, 2012. - 542 с.
2. Азоев Г.Л. Анализ деятельности конкурентов: Учебное пособие. М.: Центр экономики маркетитинга, 2002. – 320 с.
3. Юданов А.Ю. Конкуренция: теория и практика. Учебно-практическое пособие. – М.: "Гном-Пресс" - 2001, 304 с.
4. Каримова, З. М. Ключевые аспекты управления рисками в строительном бизнесе / З. М. Каримова // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2025. – № 1(69). – С. 60-64. – EDN PASJIH.
5. Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
6. Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Амонова, Д. С. Исследование коммерческой и производственной деятельности проектных организаций в строительной отрасли Республики Таджикистан / Д. С. Амонова, М. М. Байматова, М. А. Шаропова // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. – № 4(56). – С. 90-97. – EDN LSMOAP.
8. Раджабов, Р. К. Оценка предпринимательского климата в сфере услуг на современном этапе / Р. К. Раджабов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2016. – Т. 2, № 2(34). – С. 43-47. – EDN YPSUTN.

## МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЛЛИФ-СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ-AUTHOR BACKGROUND

| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Муминова Ҳусниябону Фатҳиддиновна | Муминова Хусниябону Фатҳиддиновна | Muminova Husniabonu Fatkhiddinovna |
| Докторанти PhD | PhD докторант | Student of PhD |
| Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ | Таджикский технический университет имени академик М.С. Осими | Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi |
| E-mail: muminovakhusniya@mail.ru | | |